ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PHD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19.10.2026, №93

Барои сазовор донистани Раҳимзода Ҷурабек Раҳим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), санаи 13 августи соли 2026, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №117 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Раҳимзода Ҷурабек Раҳим, 17-уми январи соли 1996 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Раҳимзода Ҷурабек Раҳим унвонҷӯйи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Соли 2018 Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси “иқтисодиёти молиявӣ ва бонкӣ” хатм намудааст. Соли 2019 ба шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистонро дохилшуда соли 2021 онро хатм намудааст. Ҳамзамон соли 2021 ба ҳайси докторант (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – молия (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул шуда онро соли 2024 хатм намудааст.

Диссертатсияи Раҳимзода Ҷӯрабек Раҳим кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29 майи соли 2026, суратмаҷлиси №10 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудӣ ва пешниҳодҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Роҳбари илмӣ:

Шариф Раҳимзода– доктори илмҳои иқтисодӣ, сарходими илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Муқарризони расмӣ:

Scanned with CamScanner

- **Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Нуралиева Дилафруз Камоловна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, менеҷери минтақавии ш. Душанбе дар ҶСП "Спитамен Бонк", ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон - дар тақризи худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ дотсенти кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғурта дотсенти Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич таҳия гардида, дар ҷаласаи кафедраи молия, фаъолияти бонкӣ ва суғурта баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №2, аз 17.09.2026) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор, Назарзода Х.Х., санаи 18.09.2026 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса бароварда шудааст, ки дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта буда, натиҷаҳои бадастовардаи муалиф арзиши баланди илмӣ доранд, ки ҷанбаҳои назариявию амалии навовариҳои бонкиро ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт дар марҳилаи муосир мукаммал ва тараққӣ медиҳанд. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳои дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Раҳимзода Ҷурабек Раҳим барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризашаванди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад.

ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ ВОБАСТА БА МАВЗУЪ

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Муҳити инноватсионии рушди амалиётҳои электронӣ дар шароити имрӯза / Ҷ. Р. Сандалов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. S2.1(31). – С. 296-305. ISSN: 2663-0389

[2-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Арзёбии навовариҳои рушди низоми бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Ҷ. Р. Сандалов // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – №. S2.1(31). – С. 274-282. ISSN: 2663-0389

Scanned with CamScanner

[3-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Масъалаҳои назариявӣ ва амалии рушди амалиётҳои электронӣ дар шароити имрӯза / Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 6-2. – С. 187-193. ISSN: 2413-5151

[4-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Таҳлил ва баҳодиҳии навовариҳои электронӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт / Ш. Раҳимзода, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 11. – С. 130-137. ISSN: 2413-5151

[5-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Рушди низоми бонкӣ ва муносибатҳои қарзӣ дар шароити муосир / С. Ҷ. Махшулов, Ҷ. Р. Сандалов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимой-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. – №. 10-1. – С. 182-190. ISSN: 2413-5151

[6-М] Раҳимзода, Ҷ. Р. муаммоҳои рақамикунонии иқтисодиёт дар шароити рушди низоми бонкӣ / Ҷ. Р. Раҳимзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2026. – №. 1. – С. 433-440. ISSN: 2663-0389

Дар дигар нашрияҳо

[1-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Рушди хизматрасониҳои электронӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ [Матн] / Ҷ.Р. Сандалов // Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ: конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ (10-уми феврали соли 2023). – С. 317-324.

[2-М] Раҳимзода Ҷ.Р. (Сандалов, Ҷ. Р.) Роҳҳои баланд бардоштани низоми нави хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикстон [Матн] / Ҷ.Р. Сандалов // Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо: маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (11-уми марти соли 2023). – С.179-185.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

1. Тақриз аз Досиев М. Н. - Доктори илмҳои иқтисодӣ., профессори кафедраи идоракунии молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар таҳқиқот масъалаҳои марбут ба арзёбии иқтисодии самаранокии татбиқи технологияҳои рақамӣ дар ташкилотҳои қарзӣ агар ягон омили мушаххас ҳамчун асос қабул мегардид, беҳтар буд;

2. Ҳамчунин, таҳлили муқоисавии таҷрибаи кишварҳои гуногун, ки барои асоснок намудани баъзе пешниҳодҳои муаллиф мусоидат намояд истифода мегардид, масъала мушаххастар мегардид.

2. Тақриз аз Олимов А.Х. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар комплекси агросаноатии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат масъалаи рушди хизматрасониҳои рақами ва пардохтҳои ғайринақдӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, аммо таъсири онҳо ба сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ ва дастрасии гурӯҳҳои гуногуни истеъмолкунандагон метавонад бештар инъикос ёбад.;

Scanned with CamScanner

2. Баъзе пешниҳодҳои муаллиф хусусияти умумӣ дошта, дар ҳолати мушаххас намудани механизми татбиқи онҳо дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ аҳаммияти амалии таҳқиқот боз ҳам баландтар мегардид. Ин эрод хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши умумии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад.

3. Тақриз аз Шомаҳмадзода Ф.Ш. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1. Дар автореферат моҳияти иқтисодии мафхуми «навовариҳои бонкӣ» ба таври васеъ баррасӣ гардидааст, вале ба назари мо, фарқияти он аз мафхумҳои «технологияҳои молиявӣ», «рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ» ва «финтех» метавонист мушаххастар нишон дода шавад.

2. Таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ дар самти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти бонкҳо бештар ба таври умумӣ пешниҳод гардидааст. Таҳлили муқоисавии таҷрибаи якчанд кишвар метавонист асоснокии пешниҳодҳои муаллифро боз ҳам тақвият бахшад..

4. Тақриз аз Нориён Ф.И. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эродҳо:

1. Дар таҳқиқот ба рушди хизматрасониҳои рақамии бонки таваҷҷуҳи зарурӣ дода шудааст, аммо масъалаҳои вобаста ба арзёбии хавфҳои кибериӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ метавонанд муфассалтар баррасӣ гарданд. метавонад бештар мавриди таҳлил қарор гирад.

2. Ба масъалаи таъсири навовариҳои бонкӣ ба самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, вале истифодаи нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодӣ барои баҳодиҳии самаранокии технологияҳои ҷоригардида метавонист натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам асоснок намояд.

Ҳамаи тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Тақризҳои дигар нест.

Интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- ***коркард карда шуд:*** консепсияи назариявӣ ва амалии татбиқи навовариҳои бонкӣ, ки бо такя ба таҷрибаи муваффақи ҷаҳонӣ раванди трансформатсияи рақамӣ ва хусусиятҳои ҷорӣ кардани технологияҳои

Scanned with CamScanner

инноватсионӣ, аз ҷумла финтех, финтех-экосистемаҳо, бонкингҳои мобилӣ, пардохтҳои бенақдӣ ва ҳуши сунъиро ҳамчун афзори калидии рушди бозори молиявӣ асоснок менамояд.

- ***пешниҳод шудааст, ки*** маҷмуи афзорҳои амалӣ барои мусоидат ба рақамикунонии пурраи амалиётҳои молиявӣ ва татбиқи самараноки Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» ва дигар стратегияҳои соҳавӣ роҳи асосии таъмини фарогирии пурраи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Истифодаи ин афзорҳо ба коҳиши назарраси сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, афзоиши воридоти андозӣ ба буҷети давлатӣ ва гузариши боэътимод ба пардохтҳои комилан ғайринақдӣ дар сатҳи миллӣ мусоидат менамояд.

- ***исбот шудааст***, ки навовариҳои бонкӣ дар шароити муосир на танҳо воситаи оддии техникии ҳисоббаробаркунӣ, балки афзори калидиву стратегии рақамикунонии кулли иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Дар ин замина, роҳу механизми мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ба хусусиятҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бартараф сохтани осебпазирии молиявӣ асоснок карда шудааст. Консепсия мазкур имкон медиҳад, ки муносибатҳои байнисоҳавӣ дар сатҳи нави институтсионалӣ танзим ёфта, заминаи устувор барои табдили фаъолияти анъанавии бонкӣ ба формати рақамӣ гузошта шавад.

- ***имкониятҳои дар оянда истифода*** кардани натиҷаҳо дар амалияи бонкӣ пешниҳод шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд аз ҷониби мақомоти дахлдор ва ташкилотҳои қарзӣ барои такмили фаъолияти амалӣ, таҳияи маҳсулоти нави бонкӣ ва татбиқи барномаҳои давлатии рақамикунонӣ васеъ истифода шаванд. Иловатан, муаллиф роҳҳои арзёбии омории самаранокии навовариҳои бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз имконияти моделсозӣ, экосистемаҳои рақамӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалии танзими рақамӣ пешниҳод намудааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:

- ***муқаррароти асосии диссертатсия*** бо муҳтавои консепсияҳои пешқадами мактабҳои муосири иқтисодӣ - аз ҷумла назарияи макроиқтисодии кейнсӣ, консепсияи навовариҳои Шумпетер, мактабҳои муосири идоракунии хавфҳои молиявӣ ва назарияҳои ватаниву хориҷии иқтисодиёти рақамӣ пурра мувофиқат мекунанд. Натиҷаҳои илмии бадастоварда дар ҳамбастагӣ бо маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими соҳаи бонкдорӣ, стандартҳои байналмилалии танзими рақамӣ ва амнияти молиявӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба роҳҳо ва усулҳои татбиқ ва рушди навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба таври васеъ истифода шудаанд;

- ***исбот шудааст,*** ки таҳқиқи навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори муҳимми рақамикунонии иқтисодиёт бо дарназардошти хусусиятҳои рушди бозори

Scanned with CamScanner

хизматрасониҳои молиявӣ, фарогирии молиявӣ ва дараҷаи устувории низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад; ҳамчунин исбот карда шуд, ки раванди татбиқи технологияҳои инноватсионии бонкӣ ва минимизатсияи киберхавфҳо дар шароити дигаргунсозии рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти сафарбар намудани усулҳои ояндабинӣ, моделсозӣ ва таҳлилҳои оморию эконометрикӣ ба роҳ монда шаванд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):

- ***баён гардидани*** ҷанбаҳои назариявӣ ва методии навовариҳои бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, роҳҳои бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта ва дар амалия ба таври сода ҷорӣ намудани амалиёт ва хизматрасониҳои муосири инноватсионии таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти инноватсияҳои бонкӣ бо усул ва механизмҳои истифодаи имконпазир, роҳҳои дар амал истифодабарии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- ***муайян гардидани самтҳои*** банизомдарории назариявию методии навовариҳои бонкӣ, такмили шаклҳои муосири технологияҳои пардохтӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои рақамикунонӣ ва коркарди механизми стратегии электроникунонии пурраи амалиётҳо бо нигоҳ доштани амнияти молиявӣ.
- ***омӯхта шудаанд:*** 1) асосҳои назариявӣ ва методии такмили механизми ҷорӣ намудани навовариҳои бонкӣ аз нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва пешниҳодҳои муаллифӣ; 2) навовариҳои бонкӣ дар рушди вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи муайян кардани манбаъҳои афзоиши хизматрасониҳои рақамӣ ва равияҳои консептуалии танзими онҳо коркард шудааст. Дар ин замина муаллиф исбот намудааст, ки сиёсати танзими рақамии Бонки миллии Тоҷикистон ва низоми идоракунии инноватсияҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун унсури муҳимми механизми афзоиши фаъолнокии иқтисодӣ ва таъмини устувории молиявӣ ба шумор рафта, дар шароити дигаргунсозиҳои рақамӣ аҳаммияти заруриро доро мебошад;
- ***методикаи умумияти*** илмӣ аз истифодаи равиши системавӣ, усулҳои дедуксияву индуксия, таҳлили эконометрикӣ ва амсиласозии сенариявӣ иборат аст, ки тавассути онҳо таҷрибаи байналмилалии технологияҳои молиявӣ ва нишондиҳандаҳои омории бонкии кишвар ба консепсияи мутамаркази рақамикунонии иқтисодиёт ва идоракунии хавфҳо табдил дода мешаванд.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Амалиёти бонкӣ», «Фаъолияти бонкӣ», «Пул, қарз, бонк», «Технологияҳои инноватсионӣ дар бонкҳо» ва ғайраҳо дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд (санади татбиқ 14.05.2026 №154-33).
- ***офарида шуд:*** а) механизми нави институтсионалии ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии бонкӣ, ки ба таъмини фарогирии молиявӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ мусоидат менамояд; б) консепсия ва модели

Scanned with CamScanner

мукаммали трансформатсияи рақамии хизматрасониҳои бонкӣ, ки ба татбиқи воситаҳои муосири финтех, коҳиши хавфҳои амалиётӣ ва гузариши боэътимод ба пардохтҳои ғайринақдӣ дар кишвар заминаи устувор мегузорад.

- ***муаррифӣ карда шуд:*** механизми молиявии татбиқи навоварихои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳлили таъсири раванди рақамикунонии хизматрасониҳо ҳамчун унсури асосии таъмини устувории молиявӣ ва рушди иқтисоди миллӣ. Дар таҳқиқоти илмӣ муаллиф вобаста ба таҳқиқи камбудиву норасоиҳои ҷойдошта механизмҳои асосии ташаккули низоми молиявии ҷорӣ намудани навоварихои бонкиро (аз ҷумла финтех, экосистемаҳои рақамӣ ва низомҳои пардохтии муосир) бо истифода аз имкониятҳои арзёбии самаранокӣ ва хавфҳои рақамӣ, инчунин маблағгузории рақобатпазирии бонкҳо дар кишвар дар муқоиса бо таҳқиқи сарчашмаҳои ватаниву хориҷӣ баррасӣ намуда, дар заминаи он роҳҳои самарабахш гардонидани рақамикунонии иқтисодиётро пешниҳод намудааст.

- ***стратегияи нақши такмил*** додани сиёсати татбиқи навоварихои бонкӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тавсияҳои амалӣ оид ба хусусиятҳои такмили механизми молиявии идоракунӣ ва минимизатсияи киберхавфҳову хавфҳои рақамӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ пешниҳод гардидаанд.

- ***пешниҳод шудааст*** а) Сиёсати қатъии ҳамоҳанг ва мувофиқашудаи танзими рақамӣ ва бунёди «сандуқҳои танзимкунанда» яке аз самтҳои муҳимми таъмини амнияти молиявӣ барои Ҳукумати Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо татбиқи он дар муддати кӯтоҳ сатҳи муомилоти бенақдӣ афзоиш ва арзиши хизматрасониҳо коҳиш меёбад; б) Чорабиниҳои танзими киберхавфҳо ва муҳофизати маълумотҳои шахсӣ барои таъмини устувории низоми пардохтӣ ва маҳдудкунии хавфҳои рақамӣ бо мақсади муфид гардонидани равандҳои инвеститсионӣ равона гардида, тақвияти рушди минбаъдаи он бо истифода аз коркардҳои муаллифӣ исбот ва пешниҳод шудааст; в) Тавсияҳои амалӣ оид ба идоракунии рақамикуноӣ ва ба омили рушду ҳавасмандкунандаи кредитдиҳиву хизматрасонии бахши воқеии иқтисодиёт табдил додани навоварихои бонкӣ пешниҳод гардидааст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:

- ***Назарияи илман асосноки*** трансформатсияи рақамии низоми бонкӣ ва ҳамгироии инноватсионӣ дар иқтисодиёти миллӣ пешниҳод карда шудааст. Назарияи мазкур бар он асос ёфтааст, ки навоварихои бонкӣ на танҳо воситаи оддии техникии ҳисоббаробаркунӣ, балки афзори калидиву стратегии рақамикунонии кулли иқтисодиёти миллӣ ва бартарафсозии осебпазирии молиявӣ мебошанд. Гузариш ба инфрасохтори рақамии бонкӣ ва технологияҳои муосир заминаи асосии таҳкими суботи молиявӣ ва рушди устуворро фароҳам меорад.

- ***гояи меҳварии таҳқиқот*** дар консепсияи ғайринақдикунонии умумимиллӣ ва татбиқи ҳисоббаробаркуниҳои маҷозӣ ифода ёфтааст. Меҳвари асосии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки тавассути ҷорӣ намудани шаклҳои муосири инноватсияҳои бонкӣ (замимабарномаҳои ҳушманд, зеҳни сунъӣ ва воситаҳои электронии пардохт) ва иҷрои босамари Фармони

Scanned with CamScanner

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ метавон сатҳи иқтисоди пинҳониро коҳиш дода, фарогирии молиявиро афзун намуд ва хавфҳои кибернетикию молиявиро ба таври назаррас паст кард.

- ***равиши илман асоснокшудае*** пешниҳод шудааст, ки бо истифода аз усулҳои муқоиса ва ҷамъбаст, таҳлил ва синтез, мантиқи диалектикӣ, гурӯҳбандӣ, усули хулосаи назариявии илмӣ ва моделсозӣ таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, нишондиҳандаҳои омории низоми бонкии Тоҷикистон ва омилҳои рушди рақамикунонии иқтисодиётро ҳамаҷониба таҳлил ва асоснок мекунад.:

- ***усулҳои таҳлили маҷмӯӣ ва диалектикӣ***, ки усулҳои иқтисодӣ-математикӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ ва моделсозии равандҳои рақамӣ, пешгӯӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- ***муайян карда шуд***, ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи «Антиплагиат» сароҳатан сатҳи онро 88,62% ва 89,59% нишон додааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:

1. Муаллифи рисолаи илмӣ дар исботи нақши навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори муҳимми рақамикунонии иқтисодиёт дар таъмини устувории молиявӣ ва рушди босуботи иқтисоди миллӣ саҳми арзанда гузоштааст. 2.Дар асоси омӯзиш муаллифи рисолаи илмӣ исбот намудааст, ки такмили механизми ҷорӣ намудани навовариҳои бонкӣ, пешгирӣ ва камгардонии таъсири киберхавфҳо ва хавфҳои рақамӣ дар кишвар яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. 3.Муаллиф исбот намудааст, ки рушди низоми мукаммали хизматрасониҳои рақамӣ (бонкинги мобилӣ, финтех-экосистемаҳо, пардохтҳои бенақдӣ) ва татбиқи стандартҳои байналмилалии танзими рақамӣ ҳамчун механизми муҳимми таъмини устувории бонкиву молиявӣ ва афзоиши фарогирии молиявӣ дар шароити дигаргунсозии рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. 4. Дар омода намудани 8 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода Ҷурабек Раҳим дар мавзуи «Навовариҳои бонкӣ ҳамчун афзори рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 8.8.; 9.7.; 10.5.; 10.3.; 10.6.; 10.12.; 10.13.; 10.16.-и Шиносноми

Scanned with CamScanner

ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 19.10.2026 қарори сазовор донистани Раҳимзода Ҷурабек Раҳим бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900 - Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 15 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Фақеров Ҳ.Н.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ **Убайдуллоев Ф.К.**

19 октябри соли 2026.

Scanned with CamScanner